**ХУЛОСАИ**

**комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА- 023 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба кори диссертатсионии Палавонов Амоншо Муминович дар мавзуи “Баландбардории самаранокии таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар асоси технологияҳои муосири инноватсионӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.05 - Назария ва методикаи таълими фанҳои ҷамъиятӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ)) пешниҳод шудааст.**

1. Имрӯз тамоми соҳаҳои ҷомеаи мутамаддин, хусусан соҳаи маорифро бе корбурди технологияҳои инноватсионӣ тасаввур намудан ғайриимкон аст. Бо мурури замон ҷойгоҳи технологияҳои муосир дар зиндагии мо беш аз пеш назаррастар мегардад. Мавқеи онҳо барои ба вуҷуд овардан ва интиқоли донишҳои гуногуни илмӣ ва амалӣ дар фаъолияти ҳаррӯзаи омӯзгорони муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ ниҳоят бузург мебошад. Бинобар ин, низоми таҳсилот масъулияти омӯзгорро дар расондан ва интиқоли донишҳо ба насли наврас дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ дучанд зиёд менамояд. Дарси ҳозиразамонро бе истифодаи технологияҳои навини педагогӣ гузаронидан номумкин аст, чунки онҳо муҳтавои дарсро баланд мебаранд ва шавқу рағбати хонандагонро ба дарс зиёд мекунанд. Омӯзгор бояд доимо дар ҷустуҷӯйи роҳу усулҳои нави таълимӣ бошад ва дарси худро вобаста ба комёбиҳои илми педагогика ва методикаи таълим ташкил намояд.

**Мақсади таҳқиқот:** асосноккунии назариявию методӣ ва ба воситаи озмоиши педагогӣ муайян намудани шароити татбиқи роҳу усулҳои самараноки таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ зимни истифодаи технологияҳои муосири инноватсионӣ. Навсозии таълими насли наврас истифодаи метод ва усулу шаклҳои ғайрианъанавии ташкили таълимро тақозо менамояд. Имрӯз танҳо ба методу усулҳои дар амалияи таълим васеъ истифодашаванда такя кардан лозим нест, балки навгонӣ ё наовварӣ зарур аст. Бинобар ин, ҳадафи асосии кори мазкур аз таҳлили инноватсия дар таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ иборат мебошад.

Бояд таъкид сохт, ки сармояи инсонӣ ҳамчун нишондиҳандаи тавоно ба рушди инноватсияҳо ва технологияҳои нав мусоидат мекунад ва аз ин рӯ ҷавононро ба азхуд кардани илм, татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ ташвиқ кардан зарур аст, зеро рушди устувори мамлакат пеш аз ҳама ба ҷорӣ кардани технологияҳои муосир дар истеҳсолот ва омӯзиши масалаҳои рақамии иқтисодиёт, сатҳи азхудкунии технологияҳои иттилоотӣ ва иртиботӣ аз ҷониби насли наврас вобаста аст.

Муаллифи диссертатсия хеле дуруст таъкид кардааст, ки фанни таърих як шарҳи одии ҳодисаю воқеаҳои гузашта нест, балки он як маҷмуаи донишҳои сиёсӣ, динӣ ва ҳарбӣ мебошад. Таърих дар баробари дигар фанҳо ба хонандагон донишҳои нав медиҳад ва дар онҳо ғояҳои ватандорӣ ва инсондустиро ташаккул медиҳад. Барои дар амал татбиқ намудани ин гуфтаҳо омӯзгори муосири фанни таърих танҳо бо истифода аз усулҳои анъанавии таълим комёб шуда наметавонад. Дар фаъолияти худ истифодаи технологияҳои навини инноватсионӣ ҳамчун интиқолдиҳандаи донишҳо ҳам аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳам аз ҷиҳати амалӣ омӯзгорро муваффақ мегардонад. Сатҳу сифат ва самаранокии таълими фанни таърихи халқи тоҷикро дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар шароити муосир тавассути истифодаи васеи технологияҳои муосири инноватсионӣ баланд бардоштан мумкин аст.

Дар баробари ин, дар таҳқиқоти диссертатсионӣ довталаб масъалаи азхудкунӣ ва истифодаи технологияҳои муосир дар таълими фанни таърихро ҳаматарафа таҳлилу баррасӣ карда, иброз намудааст, ки бинобар сабабҳои зерин масъалаи мавриди таҳқиқ то ба имрӯз таҳлили ҳамаҷонибаи худро наёфтааст:

- ба дараҷаи лозимӣ муайян набудани ҷиҳати мазмунӣ ва технологии таълими фанни таърихи халқи тоҷик;
- ҳамаҷониба омӯхта нашудани хусусиятҳои педагогӣ - психологии истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим ва муносибати инноватсионӣ ба таълими фанни таърихи халқи тоҷик;
- татбиқи ками таҷрибаи беҳтарини педагогҳои ватанӣ ва хориҷӣ дар самти истифодаи технологияҳои инноватсионӣ дар таълим, бахусус дар таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ;
- қаноатбахш набудани талабот нисбат ба мутахассисони баландихтисоси навовар;

- сатҳи пасти таъминоти методии раванди татбиқи технологияҳои муосири инноватсионӣ;
- дар сатҳи кофӣ истифода набурдани намудҳои гуногуни технологияҳои муосири инноватсионӣ аз тарафи омӯзгорон;
- нарасидани мутахассисони соҳаи такмили ихтисос барои гузаронидани курсҳои омӯзишӣ бо омӯзгорон оид ба истифодаи технологияҳои инноватсионӣ дар муассисаҳои таълимӣ.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки:

- роҳ ва усулҳои мусоиди такмили маҳорат ва малакаи омӯзгорони фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҳангоми ҷорӣ ва истифодаи технологияҳои муосири инноватсионӣ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода шуд;
- меъёр ва тарзи истифодаи технологияҳои муосири инноватсионӣ дар баргузории дарсҳои таърихи халқи тоҷик муайян ва пешниҳод гардид;
- усулҳои нави тақвият бахшидани фаъолияти омӯзгорони фанни таърихи халқи тоҷик зимни истифодаи технологияҳои муосири инноватсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ муайян карда шуданд;
- бо гузаронидани корҳои таҷрибавӣ исбот карда шуд, ки истифодаи технологияҳои муосири инноватсионӣ дар дарсҳои таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ нисбат ба усулҳои анъанавӣ бартарии худро баръало нишон дода истодаанд.

**Асосҳои назариявии таҳқиқотро** асарҳои илмӣ ва педагогии олимони тоҷику форс ва аврупоӣ, инчунин таҳқиқоти олимони шӯравӣ, муҳаққиқони муосири ватанӣ дар соҳаи педагогика, психология, таърих дар бар мегирад. Муаллифи рисола, пеш аз ҳама, ба таълимоти мутафаккирони тоҷику форс дар давраҳои гуногун, аз ҷумла осори Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосими Фирдавсӣ, Абурайҳони Берунӣ, Муҳаммад Табарӣ, Абулфазли Байҳақӣ, Саъдии Шерозӣ, Насируддини Тӯсӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Ибни Халдун, Унсурулмаолии Кайковус, Низомулмулк, Аҳмади Дониш, Садриддин Айнӣ ва дигарон такя намудааст.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқот**ро истифодаи ҳамаҷонибаи намудҳои мухталифи технологияҳои муосири инноватсионӣ бо роҳу усулҳои пешқадами педагогӣ дар рафти дарси таърихи халқи тоҷик дарбар мегирад. Гузаронидани корҳои таҷрибавӣ равшану возеҳ нишон доданд, ки дар амалия истифода шудани технологияҳои муосири инноватсионӣ

раванди таълимро боз ҳам пурмаҳсул мегардонанд ва дар маҷмуъ ҳавасмандии ҳам омӯзгор ва ҳам хонандагонро ба дарс афзоиш медиҳанд.

Дар маҷмуъ, ҷамъи мулоҳизаҳои дар боло зикршуда мубрамияти таҳқиқоти диссертатсионии Палавонов Амоншо Муминовичро бозгӯ карда, аз аҳамияти назариявӣ ва амалӣ доштани мавзуи таҳқиқоти унвонҷӯй шаҳодат медиҳад, ки ба баландбардории самаранокии таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар асоси технологияҳои муосири инноватсионӣ нигаронида шудааст.

2. Диссертатсия мутобиқ ба талаботи Низомнома дар бораи шурои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 ба тасвиб расидааст, иҷро шудааст.

Кори диссертатсионӣ дар шуъбаи фанҳои ҷомеашиносӣ, сиёсат ва рушди стратегияи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон иҷро шуда, бо қарори ҷаласаи васеи Семинари илмӣ-методии муассисаи мазкур муҳокима ва ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

Дар хулосаи шуъба ва ҷаласаи васеи Семинари илмӣ-методии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомии АТТ ба диссертатсия баҳои объективию ҳаматрафа ва мусбат дода шудааст.

3. Диссертатсияи Палавонов Амоншо Муминович-ро ба талаботи бандҳои 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

4. Диссертатсия кори илмӣ-таҳқиқотии анҷомёфта буда, пажуҳиши ҳамаҷонибаи роҳу усулҳои истифодаи арзёбии ташаккулдиҳандаро ҳамчун воситаи баланд бардоштани сифати таълими фанни таърихи халқи тоҷик фаро мегирад.

5. Пешниҳоду хулосаҳое, ки дар диссертатсия оварда шудаанд, эътимоднок буда, онҳоро дар корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, раванди таълим ва такмили стандарту барномаҳои таълим метавон истифода кард.

6. Мазмуни таҳқиқоти диссертатсионӣ ба шиносномаи ихтисоси ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.05 - Назария ва методикаи таълими фанҳои ҷамъиятӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ)) мувофиқат мекунад.

7. Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ ва тавсияву пешниҳодҳои довталаб дар 35 номгӯй интишороти илмии муаллиф ба

табъ расидаанд, ки саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд. Мақолаҳои муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд ва ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ комилан мувофиқ буда, моҳияти асосии таҳқиқотро инъикос мекунанд. Теъдоди интишороти довталаб дар нашрияҳои тақризшаванда ба талаботи банди 34 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни 2021, №267 тасдиқ шудааст, мутобиқ аст.

8. Дар таҳқиқоти диссертатсионии Палавонов Амоншо Муминович истифодаи мавод бе нишон додани маъхаз мавҷуд набуда, тамоми манбаъҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият даровper шудаанд, ки аз риоя шудани Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ шаҳодат медиҳад.

9. Рисола ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат мекунад. Диссертатсияи мазкур аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои умумият ва ягонагии дохилӣ мебошад. Навгонии илмӣ ва муқарраротн барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи таҳқиқоти диссертатсиониро собит месозанд.

10. Таҳқиқоти диссертатсионии Палавонов Амоншо Муминович дар мавзуи “Баландбардории самаранокии таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар асоси технологияҳои муосири инноватсионӣ” дар доираи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.04 - Назария ва методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ)) анҷом дода шудааст.

11. Талаботи Низомнома дар бораи шурои диссертатсиониро ба инобат гирифта, комиссияи экспертӣ диссертатсияи Палавонов Амоншо Муминовичро тавсия мекунад, ки:

а) диссертатсия Палавонов Амоншо Муминович дар мавзуи "Баландбардории самаранокии таълими фанни тарихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар асоси технологияҳои муосири инноватсионӣ" барои ҳимоя дар шурои диссертатсионӣ иҷозат дода шавад;

б) ба сифати муассисаи пешбар: Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров;

в) ба сифати муқарризони расмӣ: Мирзоев Абдулазиз Раҷабович - доктори илмҳои педагогӣ, профессор, мудири кафедраи барномасозӣ

ва низомҳои зеҳнии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ва Назарзода Рустам - номзади илиҳои педагогӣ, омӯзгори калони кафедраи барномасозӣ ва муҳандисии компютерии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон таъин карда шаванд.

12. Барои муайян кардани вақти ҳимоя, нашр ва ҷойгир кардани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, нашр ва паҳнкунии автореферат иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ**
Доктори илмҳои педагогӣ,
профессор Негматов Саъдуллоҷон

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
Доктори илмҳои филологӣ,
профессор Ҳомидов Дилмурод

Номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Шарифов Муҳсин

*"Имзои С. Э. Негматов, Д. Р. Ҳомидов ва М. Ғ. Шарифовро тасдиқ мекунам"*

**Сардори Раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДМТ** **Тавкиев Э. Ш.**

"14" сентябри соли 2024